## ХУЛОСАИ

**Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 дар назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи “Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

“15” 05 2026 с. ш.Душанбе

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 – и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Х. –раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳикматов У.С., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М.- аъзои комиссия, мутобиқи банди 60- уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Наботзода Парниён Ҷумъахон хулосаи зеринро қабул намуд:

### I.Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ

Довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос Наботзода Парниён Ҷумъахон ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва банди 18-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) мувофиқат мекунад.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Наботзода Парниён Ҷумъахон доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Наботзода Парниён Ҷумъахон соли 2008 ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2012 аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз бомуваффақият хатм намудааст. Баъд аз хатми донишгоҳ ба шуъбаи магистратура дохил шуда, соли 2014 муассисаи номбурдаро аз рӯйи ихтисоси “Фаъолияти бонкӣ” хатм кардааст. Солҳои 2016 – 2019 ба сифати доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати

тиҷорати Тоҷикистон таҳсил намуда, дар ин давра рисолаи илмии худро дар мавзуи "Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ" таҳқиқ намуда ба анҷом расонид.

Ҳамзамон П. Наботзода аз соли 2012 то 2017 ҳамчун ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2017 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи номбурда фаъолият менамояд. Дар ин муҳлат докторант ба таҳқиқоти илмӣ машғул гардида, дар конфронсҳои илмӣ – амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машвартҳои илмӣ фаъолона ширкат варзидааст.

Диссертатсия дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2017, қарори №11 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Дустматов Б.М.

Дар асоси накшаи таълимии шуъбаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ – педагогӣ, доктарант (PhD) Наботзода Парниён Ҷумъахон дар ҳаҷми 180 кредит иҷро намуда имтиҳони комплексиро супоридааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

## II. Мутобиқати мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи "Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот бадастовардашуда ба бандҳои шиносномаи ихтисои зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

## III.Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд.

Мукаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 22 кори имлӣ аз он ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои такризшаванда Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, аз он 7 мақола дар алоҳидагӣ, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, мувофиқат мекунад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳод намудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошад.

## IV.Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифодашудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд,бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

## V.Комиссия пешниҳод менамояд;

1. Диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзӯи “Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**;**

- **Амонова Дилором Абдувахидовна -** доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси – Молия, муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурииии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Руйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Умаров Х.

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Шарифзода Б. М.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҳикматов У. С.